# ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи **Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна** “Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия пешниҳод шудааст**

Рисола ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) комилан мувофиқат дорад ва нуктаҳои асосии ин самти тахассуси зикршударо инъикос мекунад. Аз ҷумла, банди 1 - Методологиям омӯзиши фанҳои мушаххас, банди 2 - Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш; банди 3 - Муҳтавои омӯзиш ва банди 4-уми шиносномаи мазкур - Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзиш.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Рисолаи унвонҷӯй Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна ба самти муҳим ва муосири илми методикаи таълим – асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки омӯзиши забони модарӣ дар байни кулли фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешавад, нақши калидӣ дорад, зеро аз сатҳи забондонӣ, ҳусни баён, афкори баландмазмун омӯзиши фанҳои дигар осонтар ва муваффақтар мегардад.

Муаллифи рисола бо такя ба асосхои методологӣ-бунёдӣ, роҳу равиши босамари таълими забони тоҷикӣ, интихоби матн ва машқу супоришоти

ба рушди нутқи мураттаби хонандагон мусоидаткунанда баррасии кулли масъалаҳои мавзуи пажуҳишро мавриди ҳаллу фасли ҳамаҷониба қарор додааст. Ҳақ бар ҷониби донишманди тавонои илми методикаи таълими забони тоҷикӣ устод Саидбой Шербоев аст, ки мегӯяд: “Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз фанҳои меҳварӣ бештару беҳтар таваҷҷуҳ бояд зоҳир гардад”.

Нигаронии муаллифи рисола низ қобили қабул аст, ки бино бар мушоҳидаҳои солҳои охир ва маълумоти дастрасшуда савияи забондонии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳоли ташвишу изтироб қарор дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаи мазкур чи аз нигоҳи гузориши проблема ва чи аз пажуҳиши илмӣ-методӣ муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро собит месозад ва тақвият мебахшад.

Муаллифи диссертатсия аз таҳлили вазъи кунунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ изҳор медорад, ки дар мактабҳо омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ кофианд, барнома ва китобҳои дарсии хуб ҳам таълиф гардида, шароити хуби таҳсил муҳайё шудааст, вале хонандагон қоидаҳои грамматикиро азхуд мекунанду аз рӯйи он амал карда наметавонанд, салоҳияти коммуникативӣ надоранд.

Дар ин росто унвонҷӯй ақидаи нависандаи бузурги тоҷик Сотим Улуғзодаро ба муҳокима мегузорад: (оғози иқтибос) «Аз афташ, сабаби ин ҳама камбудие, ки дар омӯзиши забон дар мактабҳо ҳаст, аз набудани услубшиносист. Грамматикаро тамоман об карда хӯред ҳам, як ҷумлаи дуруст сохта натавонистанатон ҳам мумкин. Охир, дар замони Саъдию Ҷомӣ грамматикаи забони форсӣ набуд. Синтаксис ҳам набуд. Онҳо ба воситаи услуб ин забонро аз худ кардаанд» (анҷоми иқтибос).

Аз ин лиҳоз, ба саволи «Пас чӣ бояд кард?», диссертант кӯшиш кардааст, ки андешаҳои илмӣ ва хулосаҳои методии худро дар робита ба мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” таҳия ва пешниҳод намояд. Муҳтавои хулосаю ҷавобҳои диссертант дар иртибот ба ин масъала чунин аст: барои ноил

шудан ба натиҷаҳои назаррас забономӯзӣ дар мактабҳо на танхо дар асоси коидаҳои грамматикӣ, балки дар заминаи матн, аз ҷумла, осори классикон омӯзонда шавад, ки он боиси инкишофи нутқи муратгаби хонандагон мегардад.

Дар рисолаи мазкур омӯзиши забони тоҷикӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони синфи 8-9 зимни таълими синтаксис мавриди ҳаллу фасл ва пажуҳиши махсус қарор гирифтааст. Сабаб дар он аст, ки таълими синтаксис ба ҷуз рушди савияи забономӯзӣ, вусъати дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳусни гуфтор инчунин салоҳияти иртиботӣ, одоби муоширaт, ташаккули маърифат ва тарбияи ахлоқиро низ таъмин месозад.

Рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур боз аз чанд ҷиҳат қобили эътироф аст. Қабл аз ҳама дар ин самт мушкилот ва муаммоҳо зиёданд. Ба андешаи унвонҷӯй, монеаҳои асосие, ки ба омӯзиши грамматикаи забони тоҷикӣ (қисмати синтаксис) бо ҳадафҳои рушди нутқи муратгаби хонандагон дар заминаи осори классикон мӯҷиби малол ва душворӣ мешаванд, инҳоянд:

- мушаххас набудани робитаи мазмун ва мундариҷаи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 дар иртибот ба хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва сохтории осори адабии классикони тоҷик;
- омӯзиши вазъи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9, таҳлили китобҳои дарсӣ, бознигарӣ ба робитаи мутақобилаи стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ;
- мавҷудияти проблемаҳо оид ба омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим: шарҳи моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим ва матлабу муаммоҳо дар мавриди татбиқи амалии он дар раванди таълим;
- коркарди системаи машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ бобати таълими синтаксис дар синфҳои 8-9 дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ (иртиботӣ) ва нутқи муратгаби хонандагон;

• тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар таъмини муносибати босалохият ба таълими синтаксиси забони тоҷикӣ бо ҳадафҳи рушди нутқи мураттаби хонандагон дар заминаи осори классикон.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Дар рисола ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзияи пешниҳодшуда ҳалли силсилаи масъалаву вазифаҳои мушаххасро пештгузоштааст. Асосҳои консептуалӣ ва методологии муқаррароти мавчуда дар иртибот ба роҳу усули таълими забони модарӣ, равишҳои муосир ва ҷанбаҳои гуногуни бунёдӣ ва методии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ таҳқиқ шудааст.

Дар рисола гузориш ва моҳияти масъала, сохтор ва мавқеи омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9, асоснокии илмӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо аз осори классикони тоҷик) бо мақсади инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар партави муносибати босалоҳият ба таълим, парвариш ва ташаккули ҳусни баён, тарбияи маърифатӣ-ахлоқӣ ва вусъати ҷаҳонбинии маънавии насли наврас ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи диссертатсияро кӯшиши муаллиф дар самти натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи илмӣ-методӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки назария ва амалияи таълиму омӯзиши қисмати синтаксиси грамматикаи забонро баррасӣ намудаанд, ташкил мекунад.

Диссертант изҳор медорад, ки забони тоҷикӣ мероси бузурги гузаштагон ва сарчашмаи файзбахши асолати миллӣ буда, дар таълим ва омӯзиши грамматика, бахусус, қисмати синтаксис эҷодиёти адибони классики форсу тоҷик сарчашмаи беназир ва пурғановати рушди маърифатӣ-зеҳнӣ ва ахлоқӣ-маънавии насли наврас маҳсуб меёбад.

Истифода аз осори пурғановати классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба афзунгардии завқи адабӣ, сатҳу дараҷаи забондонӣ, дарки

маънихои зебо, фазилати одаму одамгарӣ, бедорсозии ҳисси худшиносии миллӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дар рисола бори нахуст таҳқиқоти комили илмӣ-методии роҳандозгардидани таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаву мураккаби забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 дар доираи осори ибратомӯзи классикон пешниҳод гардидааст. Яке аз ғояҳои асосии рисоларо муносибати босалоҳият ба таълими синтаксис бобати дар амал истифода карда тавонистани дониш, малака ва маҳорати хонандагон ташкил намуда, тавассути фардикунонии раванди таълим ва фаъолнокии шахсияти омӯзанда роҳандозӣ шудааст.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-педагогӣ аз манзари фарзияи асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола таълими масъалаҳои асосии синтаксиси забони тоҷикӣ, ҳусни баён, инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар сурате имконпазир мегардад, ки агар раванди омӯзиши муҳимтарин қисмати забоншиносии тоҷик – синтаксис дар заминаи осори классикон роҳандозӣ шуда, таъмини салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ (иртиботӣ), ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби хонандагон таъмин карда шавад.

Навгонии дигари муҳими рисола аз он иборат аст, ки тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар рафти таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар заминаи осори классикон сурат гирифта, собит месозад, ки модели пешниҳодшудаи муаллиф хонандагонро ба фазои озоди салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар мувофиқа ба талаботи Стандарти давлатӣ ва барномаи таълими забони тоҷикӣ хубтар ва амиқтар ворид месозад.

Дар рисола унвонҷӯй ду усули бағоят босамарро дар таълими синтаксиси забони тоҷикӣ зимни инкишофи нутқи хонандагон дар заминаи осори классикон таъкид мекунад:

I. Усули бунёдӣ-назариявӣ, ки фарогири масъалаҳои зерин мебошад:

1) Омӯхтани асосҳои методологии илм дар робита бо алоқаи мантиқии забон ва тафаккур дар таъмини бонизом ва мазмунан фарохи инкишофи нутқи хонандагон.

2) Омӯхтани таҷрибаи бои илми методикаи таълиму тадрис дар заминаи пешбурди роҳу усули босамари омӯзиши забон ва ҳамаи қисматҳои он, ки дар ҳамбастагии мантиқӣ қарор доранд.

3) Омӯхтани тадқиқоти олимони шинохтаи ҷумҳурӣ ва бурунмарзӣ бо дарназардошти робитаи фанҳои муштараквазифа, аз ҷумла, лингвистика, педагогика, психология ва методикаи таълими забон.

II. Усулҳои эмпирикӣ (таҷрибавӣ), ки аз нуктаҳои зерин маҳсуб меёбанд:

1. Омӯхтани фаъолияти педагогии омӯзгорони соҳибтаҷриба дар самти таълими синтаксиси забони тоҷикӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маводде, ки аз мушоҳидаи таҷрибаи кории онҳо оид ба роҳу усули рушди инкишофи нутқи хонандагон дар заминаи матнҳои классикӣ дастрас шудааст.

2. Омӯхтани корҳои хаттии хонандагон, таҳияи анкетаҳо бо мақсади санҷидани салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ, ташхиси сатҳу сифати нутқи шифоҳиву хаттии онҳо.

3. Гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва дар ин раванд таҳлил ва ҷамъбасти дараҷаи маърифати забондонӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон.

Унвонҷӯй тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқон консепсияи шахсии худро таҳия ва роҳнамоӣ кардааст. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагонро омӯхта ва таҳлил намуда, дар ҳамин асос нуқтаи назари илмии худро пешниҳод намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** муаллиф дар заминаи осори олимони забоншинос ва методисгони маъруфи ватанӣ ва хориҷи кишвар, аз қабили Ш. Рустамов, Д. Тоҷиев, А. Мирзоев, М. Лутфуллозода, С. Аминов, С. Шербоев, А. Эшонҷонов Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Ф. Шарифзода, С.Хоҷиев, Т.А.Дейкина, В.В.Виноградов, Е.И.Никитина, Ю.А.Стрелникова, Т.К.Донченко, А.С.Каримова, П.А.Лекант, О.Б. Сиротинина, В.В. Текучев, М.Т. Баранов, Т.А. Ладиженская, В.М. Чистяков, В.П. Озерская мавриди омӯзиш ва ҳалу фасл кардааст.

Натиҷаҳои бадастомада дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш, такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуда, ҳини тафтиши маводдҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола коркард шудааст, тасдиқи ҳамаҷонибаи худро ёфтааст.

**Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро вусъати ақидаҳои пешқадами забоншиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, андешаҳои педагогҳо ва методистони шинохтаи тоҷику рус, дастуру супоришҳои дар Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони

Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон тақвият мебахшанд.

Аҳаммияти амалии тадқиқот: маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст. Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои фаҳмидани синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, идроки маъноҳои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон имкон хоҳад дод.

Истифодаи системаи машқу супоришҳое, ки барои санҷиши дониши хонандагон дар озмоиши таълимӣ дар таҷриба санҷида шудаанд, дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ҳангоми таълими фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик метавонад мавриди истифода қарор гирад. Шиносоӣ бо натиҷаҳои таҳқиқ дар семинару мизҳои мудаввар ва конференсияҳо ва баррасӣ намудани маърузаҳо низ барои шунавандагон басо шавқовар хоҳад буд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала,** минҷумла, аз асоснок намудани ғояҳои асосии рисола, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки дар асоси муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар заминаи осори пандомези классикон дар синфҳои 8-9 роҳандозӣ шудааст, ташкили озмоишҳои педагогии муқарраркунанда ва таълимӣ (ташаккулдиҳанда) иборат буда, бобати омӯзиш ва таҳлилу баррасии маводи илмиву методӣ ҳиссаи арзанда гузоштааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Қобили зикр аст, ки натиҷаҳои асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои иҷозашудаи тақризӣ, маҷмӯаи маводҳои конфронсҳои илмӣ-

амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо интишор ва муфассал баррасӣ шудаанд. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласа ва семинарҳои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ироа ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Хулоса ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ (солҳои 2015-2024) мавриди муҳокимаву таҳлил қарор ёфтаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 21 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия ва 16 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи муттаҳидаи кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Диссертатсия дар ҳаҷми 201 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз диаграмма, ҷадвал ва расмҳо иборат аст.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия мубрамият ва дараҷаи интихоби мавзуъ асоснок карда шуда, мақсад, вазифа, объект, предмет, фарзияи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии пажуҳиш, сарчашмаи омӯзиш, навгониҳои илмиву эътимоднокӣ ва муҳиммияти назариявии диссертатсия саҳеҳу васеъ баррасӣ гардида, аҳаммияти амалӣ ва натиҷаҳои бадастомада пешниҳод шудааааст.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 дар партави

муносибати босалоҳият ба таълим ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар раванди омӯзиши ҷумлаҳои сода ва мураккаб, вазъи таълими наҳви забони тоҷикӣ тавассути осори классикон: таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9, асосҳои назариявӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо мақсади инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ба таври амиқ ва муфассал тавзеҳ ва таҳлил шудаанд.

Дар боби дуюми рисола ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб баррасӣ ва ҳаллу фасл ёфта, истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб тибқи низоми босалоҳият, пажуҳиши озмоишии таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классикии тоҷик дар роҳи инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 натиҷагирӣ ва ҷамъбаст шудааст.

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ-таҷрибавӣ дар таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ-методӣ оид ба масъалаи ба раванди таълими забони модарӣ ворид намудани осори пандомези классикон ва дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода бурдани аз онҳо, дастурҳои марбут ба роҳу усулҳои баргузории машгулиятҳо инъикос ва арзёбӣ гардидааст.

Унвонҷӯ барҳақ изҳор медорад, ки тавассути истифодаи осори пандомези классикон нерӯи эҷодии хонандагон фаъол мегардад, маърифати зеҳнӣ ва нутқи мураттаби онҳо ташаккул ва вусъат меёбад.

Дар қисмати ниҳойии диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия рисолаи дорои арзиши баланди илмиву амалӣ матраҳ ёфта, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот бешак ба рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ, вусъати нерӯи зеҳнӣ, маърифатию эҷодӣ ва мустақилии хонандагон мусоидат хоҳад кард.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Тартиби таҳияи рисолаи диссертатсия ва фишурдаи автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии унвонҷӯй аз рӯйи ихтисос, номзади илм, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари рисолаи илмиро ифода карда, тасаввуроти аниқро оид ба моҳияти таҳқиқоти ба анҷомрасида ва натиҷаҳои бадастомада дуруст арзёбӣ мекунад.

Диссертатсияи Рахимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферат аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо дар роҳи такмили корҳои минбаъдаи илмии муаллифи рисола кумак хоҳанд кард. Аз ҷумла:

1. Дар рисола таҳлили барномаи таълими фанни забони тоҷикӣ аз нигоҳи мақоми матни бадеӣ, аз ҷумла, осори классикони тоҷик дар инкишофи нутқи муртаттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар партави робитаи байнифаннӣ (забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик) ба мушоҳида нарасид. Дар ин бобат изҳори андешаю фикру мулоҳизоти муаллифи рисола қимати илмии диссертатсияро афзунтар намуда, ноқисиҳои барномаи фанни забони тоҷикиро дар партави масъалаи баррасишуда рӯйнамо мекард.

2. Дар рисола ақидаи муаллиф оид ба проблемаи "муносибати босалоҳият ба таълим" ва фарқи он аз низоми анъанавии "дониш –

маҳорат – малака”, бартарӣ ва ё ноқисиҳои он чандон равшан ба назар намерасад. Як сабаби асосии то ҳол сарфаҳм нарафтани аксари омӯзгорон ба ин усули шакли нави таълим низ дар ҳамин аст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия калимаву ибороти тоҷикӣ нодуруст кор фармуда шудааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 80 муаллиф овардааст: “Агар мундариҷаи мавод аз талабагон *тафаккур кардан* ва дарки мазмуну муҳтавои онро талаб накунад, он гоҳ ин гуна маводи таълимӣ хонандагонро ба мақсадҳои равонӣ қонеъ карда наметавонад, дар онҳо *ҳисси возеҳи мусбат ё манфиро бедор намегардонад,* аз ин лиҳоз, *маводи таълимии сабук ва одӣ ба инкишофи талаботи нав мусоидат намекунад*.” Мантиқи абзатси овардашуда аз лиҳози услуби баён мебоист муъҷаз ва фаҳмо баён гардад.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовнаро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Хулоса, диссертатсияи Рахимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмй - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикй (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” кори ба итмом расидаи илмй-таҳкиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ ба иҷро расидааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои мунтахаби диссертатсия дар мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

**Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и**

**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Негматов Садуллоҷон Эргашевич**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992) 918506318.
E-mail: snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Э. Негматовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Э. Тавқиев

10.05.2025